# МАҚОМИ ДОНИШ ДАР ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТ

Солҳои охир илми фалсафа дар Тоҷикистон ба муваффақиятҳои намоён ноил гардид. Олимони мо роҷеъ ба масоили таърихи фалсафа, материализми диалектикию таърихӣ, назарияи коммунизми илмӣ ва ғайра як силсила асарҳо навиштанд, ки дар тарғиб ва инкишофи фалсафаи марксистӣ саҳми арзанда ба шумор меравանд.

Китоби А. М. Дерюгин «Назарияю амалия дар процессҳои иҷтимоӣ», ки онро нашриёти «Ирфон» (1972) ба табъ расонд, аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Муаллиф дар ин асар масъалаҳои тараққиёти ҷамъият чун процесси худҳаракаткунии маданияти он, ягонагии гуногуниҳо дар афъоли ҷамъият, хусусияти донистани процессҳои иҷтимоӣ ва дар ҳаёти ҷамъият татбиқ намудани донишҳои назариявӣ ва эмпирикиро мавриди баҳс қарор додааст. Азбаски дар шароити социализми мутараққӣ роли назария дар идора кардани ҷамъият ниҳоят меафзояд, бинобар ин тадқиқи масъалаҳои зикршуда аҳамияти бузурги илмӣ, амалӣ ва сиёсӣ пайдо мекунад.

А. М. Дерюгин масъалаи тараққиёти ҷамъиятро таҳлил карда, қайд мекунад, ки моҳияти ҷамъият аз худ ва дигаргун кардани маданияти инсонӣ мебошад. Мақому мартабаи маданиятро дар ҳаёти ҷамъият бошад, аввалин бор классикони марксизм-ленинизм аз нуқтаи назари илмӣ таъбир кардаанд. Чунончи, инро дар рисоли таълимоти марксистии меҳнат ба хубӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Инсон дар асnoи меҳнат на танҳо сурати чизҳоро тағьир медиҳад, балки мақсади худро низ ба амал татбиқ мекунад.

Муаллиф дар бораи пайдоиши маданият сухан ронда, нишон медиҳад, ки офаридгори маданият ҷамъият аст. Вай бо фаъолияти гурӯҳи бузурги одамон алоқаманд мебошад. Маданият вақте ки оммаро фаро мегирад, қисми таркибии ҳаёти онҳо мегардад. Ҳар як насли нав донишҳои гузаштаро меомӯзад ва дар заминаи онҳо донишҳои нав офарида, онро ба дараҷаи баланд мебардорад. Ин ҷараён дар асоси қонунҳои объективӣ ҳамчун процесси табиии таърихӣ ба вуҷуд меояд ва дар айни замон ҷараёни ба амал татбиқшавии ғояю идеяҳо низ маҳсуб мешавад. А. Дерюгин дуруст мегӯяд, ки ҳар як насли нав маданияти пешинро азбар мекунад. Вале ин азбаркунии мутлақ набуда, балки нисбист. Ин ҷо қонуни диалектикие амал мекунад, ки инкори инкор номида мешавад. Мувофиқи ин қонун ҳар як маданияти нав инкори маданияти пешин ва дар айни замон инкишофи он аст. Вай аз маданияти гузашта он чиро, ки ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, қабул намуда, аз чизҳои иртиҷоии он сарфи назар мекунад. Вале насли нав баробари аз худ намудани комьёбиҳои маданияти пешин маҳдуд нашуда, онро дар асоси донишҳои нав такмилу ривоҷ медиҳад.

Дар яке аз бобҳои асар, ки «Ягонагии гуногуниҳо дар афъоли ҷамъият» ном дорад, муаллиф пеш аз ҳама ба масъалаи ягонагии ҳодисаҳои ҷамъият ва ҷараёни амалиёти инсон эътибори ҷиддӣ медиҳад, ки ин бесабаб нест. Сабаб ин аст, ки қонунҳои тараққиёти ҷамъият, таърихи конкретии инсоният, ҷиҳатҳои ому хоси онро танҳо ба воситаи алоқамандӣ ва таъсиррасонии онҳо дарк намудан мумкин аст. Масъалаҳои ҳаётан муҳими конкретӣ низ ба туфайли ҳамин гуногуниҳо ба амал меоянд.

«Ҷамъият,— қайд мекунад муаллиф,— ягонагии проблемаҳои гуногун — проблемаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, моддӣ, идеологӣ, дохилӣ ва хориҷӣ, миллӣ ва байналмиллалӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ мебошад» (саҳ. 32). Аз ҳамин сабаб ягонагии гуногуниҳо дар ҳаёти ҷамъият чандин дараҷа дорад. Дараҷаи асоситарини ин ягонагии гуногуниҳо ягонагии робитаҳои соҳаҳои мухталифи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин сурат алоқамандии муносибатҳои иқтисодӣ, идеологӣ, сиёсӣ ва ғайра дар назар дошта мешавад. Дараҷаи дуюми ягонагии гуногуниҳо дар ҳаёти ҷамъият ягонагии фардҳо ва шахсҳои дар таърих амалкунанда мебошад, ки аз онҳо гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо ва миллатҳо ташкил меёбанд. Ҷолиби диққат аст, ки муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур бо гузориши умумии он маҳдуд нашуда, хусусиятҳои зоҳиршавии ягонагии гуногуниҳоро дар формацияҳои мухталиф ва зинаҳои гуногуни инкишофи ҷамъият нишон додааст. Дар асоси ҳамин таҳлили конкретӣ муаллиф ба хуло-

са меоянд, ки вобаста ба шароити конкретии таърихӣ дар доираи ягонагии гуногуниҳо ҳар бор ё зиддиятҳои сиёсӣ, ё зиддиятҳои иқтисодӣ, ё зиддиятҳои идеологӣ ба мадди аввал мебароянд.

Ҷавҳари асосии асари А. Дерюгин назарияи иҷтимоӣ, амалӣ, ягонагию фарқияти донишҳои назариявию амалӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар ин боб қисматҳои ягонагию тафовут, характери таърихии донишҳои назариявию амалӣ, тараққиёти қонунҳои назариявию эмпирикӣ хуб баромадаанд. Ба ақидаи муҳаққиқ, ҳар як назария инъикоси ҷиҳатҳои мантиқии ашёю ҳодисаҳо аст. Чизҳои акс менамудаи он характери идеалӣ доранд. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки гӯё дар назария ҳодисаҳо аз мазмуни объективӣ холӣ бошанд. Баръакс, назария барои он аст, ки ҳодисаҳоро инъикос кунад ва дар паси ҳар як ҳодиса вуҷуд доштани моҳиятро ошкор намояд. Барои ҳамин ҳам назария имконият медиҳад, ки оянда пешгӯӣ карда шавад. Назарияе, ки дар таъбири ашёю ҳодисаҳо оҷизӣ мекунад, ба ҳеҷ ваҷҳ назарияи ҳақиқӣ шуда наметавонад. Эмпирия ҳодисаҳои таҷрибавӣ, ҳиссӣ ва моддиро инъикос намуда, дар натиҷаи афъоли ҳиссию амалӣ ҳосил мешавад.

Донишҳои назариявию эмпирӣ характери таърихӣ дошта, бо ин ё он давр, формацияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, агар шароитҳо тағьир ёбанд, онҳо низ дигар мегарданд. Чунончи, ҳар як формацияи ҷамъиятӣ соҳиби тафаккури хос аст. Агар он формация тағьир ёбад, тасаввурот, тафаккур, таҷриба ва тамоили афъоли иҷтимоӣ низ дигаргун мешавад. Сабаби аз ҳамдигар фарқ доштани масалан, таълимоти иқтисодии сохти ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва социалистӣ низ дар ҳамин аст.

А. Дерюгин на танҳо дар хусуси характери таърихӣ, балки дар бораи бо табақа, синф ва партияҳо алоқаманд будани назарияю эмпирия низ сухан рондааст. Ӯ ирсияти онҳоро низ дар асоси таҳлили асарҳои классикони марксизм-ленинизм исбот намудааст. Ба андешаи ӯ ҳар як назария давому инкишофи ақидаҳои пешин аст. Чунончи, инро ӯ дар мисоли пайдоишу такомули марксизм-ленинизм исбот намудааст. Чи навъе ки возеҳ аст, марксизм, ба ибораи В. И. Ленин, давоми бевосита ва инкишофи таълимоти пешқадами иқтисодшиносону файласуфон ва утопистони пешини Англияю Франция ва Германия мебошад. Аммо Қ. Маркс ва Ф. Энгельс тамоили умумии онҳоро инкишоф дода, ҷаҳонбинии революционии синфи коргарро ба вуҷуд овардаанд, ки аз таълимотҳои номбурда ба куллӣ фарқ дорад. Дар баробари ин муаллиф характери интернационалии таълимоти классикони марксизм-ленинизмро равшан нишон медиҳад.

Муаллиф роҷеъ ба характери конкретию синфии назарияю эмпирия изҳори ақида намуда, масъалаи чи тавр пайдо шудани назарияю эмпирияи иҷтимоиро низ таҳлил кардааст. Ба фикри ӯ, донишҳои назариявию эмпирӣ ҷиҳатҳои ба худ хос доранд. Чунончи, хусусияти эмпирия он аст, ки ашёю ҳодисаҳоро дар шакли конкрет, бо тамоми хислату хусусияташон акс мекунад. Вале вай чизҳоро инъикос кунад ҳам, робитаю қонуният ва моҳияти онҳоро ошкор намесозад. Эмпирия бе фактҳои ҳиссӣ вуҷуд надорад, ки ҷиҳати муҳими он низ дар ҳамин аст. Тафаккури назарӣ низ аз факту донишҳои эмпирӣ сарчашма мегирад. Зеро манбаи нуқтаҳои умумии онро ҳуҷҷатҳои конкретӣ ташкил медиҳанд. Вале гап дар бораи манбаъ набуда, балки дар ҳосилшавии онҳост. Ба ин савол мутафаккирон ҷавоб додаанд. Чунончи, И. Кант гуфта буд, ки «ҳарчанд ки ҳар як дониш аз таҷриба оғоз шавад ҳам, ин чунин маънӣ надорад, ки вай комилан аз таҷриба ҳосил мешуда бошад». Гегель ҳам гуфта буд, ки илм ғайр аз ҳуҷҷатҳои таҷрибавӣ аз шароити дохилии худ низ сарчашма мегирад. «Вақте ки илм,— навиштааст ӯ,— ба камол расида, тайёр шуд, ғоя бояд аз худ сарчашма гирад». Пас саволе ба миён меояд, ки ин ҳолат чи тавр рӯй медиҳад? Ба ин савол Қ. Маркс ҷавоб дода, гуфта буд, ки чунин манбаъ «қувваи абстракция» ба шумор меравад.

А. Дерюгин дар бораи дар ҳаёти шахсӣ, коллективӣ, тарбияи ахлоқӣ ва эстетикии мардум татбиқ шудани назарияю эмпирия низ сухан рондааст. Вай ин масъаларо тавзеҳ намуда, ба хулосаҳои зерин меояд. Якум, назария аввал дар қарору план бо шиору даъватномаҳо сабт гашта, сипас ба ташкилоту муассисаҳои дахлдор фиристода мешавад. Дар ин ҷо одамон онро ба роҳбарӣ мегиранд. Дуюм, аз ин рӯ, натиҷаи меҳнати онҳо аз бисьёр ҷиҳат ба дурустии назарияю хулосаҳои он, ба тайёрии мардум дар иҷрои вазифаҳо, ба таҷрибаю дониш ва малакаю ахлоқ ва табъи эстетикии онҳо низ сахт вобаста аст.

Андешаҳои А. Дерюгин оид ба тайёрии назариявию амалии шахсият низ ҷолиби диққатанд. Бояд гуфт, ки дар ин бора баҳс намудани муаллиф айни муддаост. Зеро яке аз масъалаҳои муҳиму асосие, ки ҳоло дар назди партия истодааст, масъалаи тарбияи одами нав мебошад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи роҳи ташаккул ва инкишофи ҳарҷонибаи шахс вазифаи ҳар як донишманд буда, ба аҳамияти бузурги назарию сиёсӣ молик аст. Китоби А. Дерюгин низ дар ин роҳ яке аз саҳмҳои мувофиқ ба шумор меравад.

Мувофиқи таълимоти классикони марксизм-ленинизм, инсони ҳарҷониба мутараққӣ он аст, ки маълумоту маданияти баланд дорад ва моҳияти ашёю ҳодисаҳоро ба осонӣ мефаҳмад. Ҳанӯз

В. И. Ленин гуфта буд, ки танҳо дар сурате коммунист шудан мумкин аст, ки агар хотираи хешро бо донишҳои дар мурури қарнҳои гуногун ба вуҷуд овардаи инсоният бой гардонӣ. Ин ҷо В. И. Ленин инкишофи шахсро бо масъалаи омӯзиши мероси маънавӣ, ҳаёт ва амалияи ҷамъиятӣ пайвастааст. Вале дар он ҳанӯз масъалаи чиро омӯхтан ва чи тавр омӯхтан инъикос наёфтааст. В. И. Ленин ба ин савол дар маърӯзаи худ дар съезди III комсомол ҷавоб додааст. Чунончи, ба ақидаи ӯ, омӯзиши қориёнаи ҳодисаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ шарт нест, зеро дар ин гуна ҳолат коммунизм як сухани хушку холӣ шуда мемонад. Бинобар ин ӯ таъкид мекард, ки мо бояд ин ё он чизро тавре омӯзем, ки бори гарон шуда, майнаамонро хароб накунад. Омӯзиши мо бояд бошуурона бошад.

Вақте ки инсон донишро аз худ кард, дониш узви таркибии ҳаёти маънавӣ ва фаъолияти ӯ мегардад. Ин ба ҳамаи навъҳои дониш, аз ҷумла ба назарияи иҷтимоӣ низ тааллуқ дорад. Вале азбар кардани назарияи марксистӣ-ленинӣ чунин маънӣ надорад, ки гӯё нуктаҳои онро қоригӣ, аз ёд кунем дар аснои ҳоҷат ба таври механикӣ ҷавоб диҳем. Баръакс, мурод аз омӯхтани назария ин аст, ки кас бояд мазмуни онро фаҳмад ва дар зисту зиндагии хеш татбиқ кунад. Аҳамияти назария ин аст, ки вазъиятро бевосита тағьир надиҳад ҳам, характери тафаккурро дигар мекунад. Тағьир ёфтани тафаккур аломати тағьирьёбии марому мақсади инсон аст. Вақте ки фикри инсон дигар шуд, амалиёташ низ тағьир меёбад.

Дар баробари ҳамаи ин муваффақиятҳо тадқиқоти А. М. Дерюгин аз баъзе камбудиҳо холӣ нест. Қамбудии аввал ин аст, ки муаллиф тараққиёти ҷамъиятро ҳамчун ҷараёни худҳаракаткунии маданият таъбир кунад ҳам, онро бо таълимот дар бораи формацияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ алоқаманд намекунад. Ҳол он ки агар ӯ ба ҳамин ҷиҳати масъала диққат медод, бешак тамоили умумии тадқиқоти худ, яъне инкишофи қонунии назарияю амалияро ба рафти умумии ҳодисаҳои ҷамъият тобеъ намуда, характери конкретию таърихии донишҳои назариявию эмпириро барҷастатар нишон дода метавонист.

Дуюм, муаллиф таносуби донишҳои назариявию эмпириро асосан бе хато таъбир кунад ҳам, дар муҳокимаҳои ӯ баъзе нопайгириҳо низ дучор меоянд. Чунончи, дар саҳифаи 88 навиштааст, ки «назарияю эмпирия навъҳои ба ҳам зидду ҳамдигарро истиснокунанда ба шумор меравандъ. Поёнтар аз ин мехонем: «Дар байни онҳо (яъне назарияю эмпирия) ҳадди мутлақе вуҷуд надорад» (саҳ. 104). Ба фикри мо, донишҳои ақлию ҳиссӣ ё назариявию амалиро ба ҳам муқобил гузоштан дуруст нест. Зеро онҳо ду ҷиҳати як ҷараёни дониш буда, дар аснои маърифати ашьёи ҳодисаҳои олами объективӣ тарафҳои мухталифи онро акс намуда, дар бораи он як дониши возеҳу томро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, онҳо дар рафти маърифат ҳамдигарро истисно не, балки инкишоф медиҳанд.

Сеюм, андешаҳои муаллиф дар хусуси субъекти донишҳои иҷтимоӣ низ зиддиятноканд. Чунончи, ӯ аз як тараф, донишҳои иҷтимоиро маҳсули фаъолияти тамоми ҷамъият донад, аз тарафи дигар, ин фикрро тараққӣ надода, баръакс, аз маҷмӯи донишҳои ашхоси фард ҳосилшавии онҳоро низ таъкид мекунад. Ба фикри мо, ин ё он назарияро шахсони алоҳида, монанди файласуфон, иқтисодшиносон ва ғайра эҷод кунанд ҳам, шароитҳои моддии онҳоро амалияи ҷамъияти инсонӣ фароҳам меорад. Бинобар ин вақте ки дар бораи донишҳои иҷтимоӣ сухан меронем, бояд донишҳои аз фаъолияти шахсони алоҳида ва амалияи оммаи меҳнаткашон ба вуҷуд омадаро ба ҳам алоқаманд донем.

Чорум, А. Дерюгин дар бораи мақому мартабаи донишҳои иҷтимоӣ сухан ронад ҳам, доир ба таснифоти илмҳои ҷамъиятӣ ҳарфе намезанад. Ҳол он ки ин масъала яке аз муҳимтарин проблемаҳои илми ҷамъиятшиносии ҳозира буда, дар атрофи он баҳсҳои зиёде мавҷуд аст. Аз ин рӯ, муаллиф мебоист роҷеъ ба ин масъала изҳори ақида мекард, то ки ба ҳалли ин мавзӯъ кӯмак мерасонд.

Вале, сарфи назар аз ин, китоби А. Дерюгин дар ташвиқу тарғиби философияи марксистӣ саҳми арзанда буда, хонандагонро бо бисьёр масъалаҳои барояшон номаълум шинос мекунад.

**М. ДИНОРШОЕВ,**
**У. СУЛТОНОВ**